«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
академик ________ Салимӣ Н.Ю.
«5» декабри 2018

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

Диссертатсия дар мавзӯи «Таҳлили сохторӣ-маъноии истилоҳоти адабиётшиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20.- Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқобалаӣ аз тарафи Ҷӯраев Хайём Акрамович дар кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ба анҷом расидааст.

Ҷӯраев Хайём Акрамович баъди хатми муваффақиятноки курси магистратурӣ ба шуъбаи аспирантураи назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ шомил шуда, онро соли 2018 хатм намудааст ва ҳоло ҳамчун саромӯзгори кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ фаъолият карда истодааст.

Роҳбари илмӣ – Ҷаматов Самиддин Салоҳиддинович, доктори илмҳои филология, профессор, мудири кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ мебошад.

Мавзӯи диссертатсия дар ҷаласаи Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, аз 27. 01. 2016, қарори №2/6.5 тасдиқ шудааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Муҳиммияти мавзӯъ, пеш аз ҳама, дар он асос меёбад, ки истилоҳоти адабиётшиносии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ то имрӯз аз нигоҳи илмӣ, хусусан аз нуқтаи назари муқоисавӣ мавриди ҷамъоварӣ ва таҳлили илмӣ қарор нагирифтаанд. Таҳқиқи муқоисавии истлоҳоти мазкур, пеш аз ҳама, ба ҳамин зарурат алоқаманд мебошад. Ба ин маънӣ, омӯзиш ва таҳқиқи истилоҳот дар мисоли истилоҳоти адабиётшиносии забонҳои тоҷикӣ ва англисї аҳамияти муҳими илмию амалӣ дорад.

Диссертатсия дар доираи нақшаи илмии кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии таҳия гардида, натиҷаҳои тадқиқот дар маҷаллаҳоие, ки ба КОА назди Президенти ҶТ ва КОА ФР мансубанд, интишор гардидаанд. Масъалаҳое, ки унвонҷӯ дар диссертатсия баррасӣ менамояд, ҳамчунин бо нақшаи илмии забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ҳамоҳанг мебошад.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Ҳадаф аз таълифи ин диссертатсия, пеш аз ҳама, тадқиқу пажӯҳиши истилоҳоти адабиётшиносии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, ки дар масири таърих андӯхта нашудаанд, ба шумор меравад. Ин мақсад бо ҳалли вазифаҳои зерин амалӣ мешавад:

- - ҷамъоварии истилоҳоти марбутаи адабиётшиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;
- ба низоми муайян ва ба як шакл даровардани истилоҳоти адабиётшиносӣ дар забонҳои таҳқиқшаванда;

- гурӯҳбандӣ намудани истилоҳоти адабиётшиносӣ дар забонҳои таҳқиқшаванда;
- муайян намудани ҷанбаҳои сохторӣ, грамматикӣ, луғавӣ ва семантикии истилоҳоти адабиётшиносӣ дар ҳар ду забон;
- таъйин намудани роҳҳои муайян дар раванди иқтибос ва тарҷумаи истилоҳоти адабиётшиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;
- муайян намудани воситаҳои байнисоҳавии ифодаи истилоҳоти адабиётшиносӣ;
- таҳлил ва таҳқиқи муфассали намунаҳои луғату истилоҳоти марбути адабиётшиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба хотири муайян намудани сарчашмаҳои омӯзиш ва баррасии истилоҳот;
- муайян кардани умдатарин ва маъмултарин шева ва усулҳои интихоби вожаву истилоҳоти адабиётшиносӣ, аз қабили истифодаи калима, истилоҳот ва таркибу ибораҳои зинда, гӯишҳо ва лаҳҷаҳои худи забон, ба маънои нави истилоҳӣ истифода шудани онҳо;
- таъин ва муайян кардани истилоҳоти марбути адабиётшиносие, ки ба василаи тарҷумаи таҳтуллафзии калима ё вожа ва истилоҳоти забонҳои мухталиф, махсусан арабӣ ва русӣ сохта шудаанд ва таъсири онҳо дар ташаккули истилоҳоти илмӣ ва иҷтимоиву сиёсӣ;
- муайян ва таъйин кардани нақши калима (ё вожа) ва истилоҳоти забонҳои мухталиф дар дастгоҳи истилоҳоти забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, сохтори калима ва истилоҳоти дутаркиба аз арабӣ ва форсӣ, аз русӣ ва франсавиву лотинӣ ва забонҳои дигар;
- муайян ва мушаххас кардани усул ва тарзҳои вожагузинӣ ва истилоҳотгузинӣ ва пешниҳодҳо нисбатан ба принсипҳои асосии истилоҳофаринӣ дар марҳилаи муосири рушду такомули забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;
- мушаххас намудани умумият ва фарқияти истилоҳоти адабиётшиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва дар ин замина муайян намудани

вижагиҳои сохторию типологӣ ва муқоисавӣ-таърихии забонҳои муқоисашаванда.

Гузашта аз ин, дар рисола бори аввал масъалаҳои мушаххаси истилоҳофаринӣ ё истилоҳгузинӣ ва аҳамияти ин масъала барои эҷоди забони илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, аз ҷумла:

- дар асоси таҳқиқу баррасии сарчашмаҳо ва манбаъҳои истилоҳсозӣ собит шудааст, ки яке аз роҳҳои асосии такмили истилоҳоти забон нигаҳдорӣ ва истифодаи самарабахши қабатҳои бостонии забон ва шаклҳои истилоҳофаринии анъанавии забон аст;
- таъсири омилҳои бегона ва махсусан, нуфузи забонҳои мухталиф (арабӣ, русӣ) вобаста ба фишори мафкураҳои идеологӣ ва таҳмил шудани истилоҳоти иҷтимоиву сиёсии бегона ба забон ва оқибатҳои мусбат ва манфии ин гуна сиёсатҳо баррасӣ шудааст;
- ба таври илмӣ принсипҳои истилоҳшиносӣ дар давраҳои гуногун таҳлил шуда, барои истилоҳи рӯйдодҳои манфӣ дар оянда чораҳои мушаххас пешниҳод шудааст.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот.** Маводи ин диссертатсия ҳанӯз аз овони донишҷӯйии муаллиф аз вожаномаву фарҳангномаҳо, қомусу луғоти адабиётҳои илмиву-таълимӣ ва китобхонову бойгониҳо ҷамъоварӣ гардидааст.

Ҳамчунин аз осори илмӣ-назариявӣ аз таҳқиқотҳои ҳам олимони ватанӣ ва ҳам хориҷӣ истифода шудааст, ки муҳимтарини онҳо тадқиқотҳои олимон, донишмандон ва забоншиносони Русия (В.В. Виноградов, О.С. Ахманова, Н.М. Шанский, Д.Л. Шмелев), Эрон (Ризо Ашрафзода, Тақӣ Ваҳидиёни Комёр) Афғонистон (А.Ҷ. Каҳдистанӣ), Аврупо (Ҷ. А. Кадон), Тоҷикистон (М. Шукуров, А. Сатторзода, М. Қосимова, Д. Саймуддинов, Д. Хоҷаев, О. Қосимов, С. Назарзөда, М. Султон, П. Нуров, Ҳ. Саидов, С. Ҷаматов, Ш. Каримов) ва дигаронро дар бар мегиранд.

**Нововарии илмӣ** аз он иборат аст, ки ҳарчанд дар забоншиносии тоҷик ва англиси истилоҳоти адабиётшиносӣ ба таври ҷудогона тадқиқотҳои

арзишманде анҷом ёфта бошанд ҳам, роҷе ба таҳлилу баррасии онҳо аз нигоҳи мутоқоиса то ҳол рисолае ҳам таҳқиқ нагардидааст, ки дар ҷанбаи муқобалаї бори нахуст маълумот дода мешавад. Гузашта аз ин, баррасии маводи ҷамъоварда аз нигоҳи муқиса навгонии илмии мавзӯъро тақвият мебахшад.

Дар рисолаи мазкур таҳлили истилоҳоти адабиётшиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз нигоҳи муқоиса бори нахуст гузаронида шуда, хусусиятҳои сохторӣ ва семантикии ташаккул ва таҳаввули истилоҳоти адабиётшиносӣ ҳамчун пайвасти махсуси луғавӣ-маъноӣ ва робитаи силсилавии истилоҳот муайян карда шуда, гурӯҳбандии луғавию маъноиашон собит карда шудааст. Дар ин замина, ба муайян намудани моҳияти калимасозии истилоҳоти соҳаи адабиётшиносӣ ва ҷузъҳои алоҳидаи он таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шудааст. Аз рӯйи имкон бо дарназардошти рушди ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеаи ҷаҳонӣ кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки сабабҳо ва роҳҳои ташаккули истилоҳоти адабиётшиносӣ муайян карда шаванд

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии тадқиқот.** Натиҷаи илмии таҳқиқоти истилоҳоти адабиётшиносӣ аз он иборат аст, ки онҳо дар муқоисаи ду забони тавонои олам: тоҷикӣ ва англисӣ татбиқ гардида, барои рушди бахшҳои гуногуни забоншиносӣ, аз ҷумла луғатшиносӣ чун маводи назариявӣ ва амалӣ мусоидат менамояд.

Натиҷаҳои корро метавон дар донишгоҳу донишкадаҳо зимни дарсҳои назариявию амалии луғатшиносӣ, типологияи муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва назарияи адабиёт истифода намуд. Ҳамчунин диссертатсия дар навиштани асарҳои илмӣ-тадқиқотӣ, дастуру воситаҳои таълимӣ мавриди истифода қорор хоҳад гирифт.

Бобҳои диссертацияи мутобиқи мақсаду вазифаҳои гузошташуда тарҳрезӣ шуда, баррасию таҳқиқ дар сатҳи баланди илмӣ қарор дорад. Хулосаҳои диссертант илмӣ буда, ба талаботи навиштани рисолаҳои илмии мактабҳои Олӣ мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи мазкур, бешубҳа, кори илмии мукаммал ва ба анҷомрасида буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20.- Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқобалаӣ мувофиқ аст.

Ҷӯраев Хайём Акрамович дар кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ба анҷом расидааст.

Кафедраи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ диссертатсияи Ҷӯраев Хайём Акрамовичро кори илмии бaанҷомрасидаи мукаммалу мубрам меҳисобад. Диссертатсия дар сатҳи баланди илми-таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба талаботи кори диссертатсионӣ пурра ҷавобгӯ аст.

Фишурдаи диссертатсия мазмуну муҳтавои корро пурра фаро гирифтааст. Аз шумори мақолаҳои чопшудаи диссертант сетои он дар маҷаллаҳои таъйиднамудаи КОА назди Президенти ҶТ ва КОА ФР интишор гардидаанд:

1. Джураев Х.А. Заимствованные литературоведческие термины в таджикком языке // Вестник ТГПУ им. С. Айни, 2017. –№4, серия филология. – Душанбе: Изд-во ТГПУ им. С. Айни, 2017. – С. 67-71.
2. Ҷӯраев Х.А. Шарҳи истилоҳоти гуногунтаркиби “адабиётшиносӣ”дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ // Паёми ДДОТ ба номи С. Айнӣ. – Душанбе: Матбаии ДДОТ ба номи С. Айнӣ. 2018 с. – № 4. – С. 123-128.
3. Ҷӯраев Х.А. истилоҳоти адабиётшиносӣ аз дидгоҳи забоншиносони асримиёнагӣ // Паёми ДДОТ ба номи С. Айнӣ. – Душанбе: Матбаии ДДОТ ба номи С. Айнӣ. 2018 с. – № 4. – С. 133-136.

Бинобар ин, диссертатсияи мазкурро аз рӯйи ихтисоси 10.02.20.- Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқобалаӣ барои дифоъ

ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология тавсия менамояд. Иштирок доштанд: 20 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор»-20 нафар, «зид»-нест, «бетараф»-нест. Қарори № 5 аз 04.12.2018.

Доктори илмҳои филология, профессори кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ — Қосимов Олимҷон Ҳабибович

Котиби илмӣ, номзади илмҳои филология — Азизова Мастона Ҳамидовна

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121.
Тел.: +992 (37) 224 13 83
E-mail:tgpu@mail.rj; www.tgpo.tj

Имзои О. Қосимов ва М. Азизоваро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ — Назаров Давлатхон Қурбонмуродович

5.12. 2018 с.